“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т., профессор Назарзода Х.Х.
____________________
«09» январи соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисисаи пешбар ба диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси “08.00.08. – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит” мутобиқат мекунад: 1.1. «Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ», 1.3. «Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои максадноки баҳисобгирии бухгалтерӣ», 1.7. «Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андоз ва ғайра) дар ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ, доира ва соҳаи гуногун», 1.10. «Назария ва методологияи буҷасозӣ», 1.13. «Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ», 1.16. «Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат)», 3.2. «Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, вазифагузориҳои максадноки аудит ва назорат», 3.9. «Инкишофи методологияи комплексии усулҳои аудит ва назорат».

**Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар замони муосир яке аз масоили мубрам ва калидии рушди корхонаҳои сохаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати онҳо ба талаботҳои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва сатҳи хизматрасонӣ ба стандартҳои байналмилалии хизматрасонӣ ба шумор меравад. Гузариши корхонаҳои ватанӣ ба СБҲМ, аз ҷумла субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ба он нигаронда шудааст, ки фаъолияти хоҷагидорӣ ва нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявии онҳо барои истифодабарандагони бозори

хизматрасониҳои сайёҳии ватанӣ ва байналмилалӣ дастрас, возеҳ, эътимоднок ва саривақтӣ бошанд. Аз ин рӯ, мукаммал намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ, ичунин, илман асоснок намудани он барои бештар гардидани шумораи корхонаҳои сайёҳии ватанӣ, тақвияти минбаъдаи рушди соҳаи сайёҳӣ ва нақши он дар сохтори иқтисоди миллӣ ҷойи муносибро ишғол менамояд. Махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соҳаи сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятнок эътнроф гарднդааст, зарур аст, ки низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ такмил дода шуда, ба талаботҳои СБҲМ мутобиқ карда шаванд. Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд намудан ба маврид аст, ки дар мубраммияти мавзӯи диссертатсияи Раҳимов С.Х. ягон шубҳа ҷой надорад ва он метавонад, ки дар ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати корхонаҳои сайёҳӣ аҳаммияти назарраси илмӣ, методологӣ ва амалиро дошта бошад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** пеш аз ҳама, аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Навгонии илмии таҳқиқот аз омӯзиши рушди асосҳои назариявӣ-методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ иборат мебошад. Ба натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгонии илмӣ мебошанд, қисматҳои зерин дохил мешаванд:

1. Дар диссертатсия ташаккули асосҳои назариявӣ ва иқтисодии категорияи туризм мавриди таҳқиқ карор дода шуда, мавқеи он дар рушди иқтисодиёти ммлӣ муайян карда шудааст. Таҳлил ва баҳодиҳии нақши сайёҳӣ дар мамлакатҳои соҳаи сайёҳиашон рушдёфта гузаронида шуда, истифодабарии таҷрибаи пешқадами онҳо ҷиҳати такмил ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва арзёбӣ карда шудаанд. Саҳми соҳаи сайёҳӣ арзёбӣ шуда, нақши он дар рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла: меҳмонхонадорӣ, соҳибкории инфиродӣ, савдо, варзиш, сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ, алоқа, муассисаҳои хӯроки умумӣ, хизматрасонии бонкӣ, фарҳанг, иттилоот, суғурта, андоз, муайян карда шуда, мавқеи он ҷиҳати шуғли пурмаҳсул ва кам кардани камбизоатӣ баҳо дода шудааст.

2. Дар асоси таҳлили механизми танзими соҳаи сайёҳии кишварҳои гуногуни ҷаҳон моделҳои амалкунанда соҳаи сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, истифодабарии модели асоси бо иштироки бевоситаи давлат дар танзими фаъолияти сайёҳӣ, ки барои мамлакати мо соҳаи афзалиятнок маҳсуб меёбад, мувофиқи мақсад дониста шудааст. Муайян карда шудааст, ки афзалияти танзими соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби давлат бо пешниҳоди имтиёзҳои гуногун сурат гирифта, барои рушди соҳа имконият фароҳам оварда, таъсиси корхонаҳои сайёҳие, ки маҳсулоти гуногунро дар раванди амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии давлат пешниҳод менамоянд мувофиқи мақсад мебошад.

3. Хусусиятҳои хоси соҳавии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ муайян карда шуда, муқаррар карда шудааст, ки натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳодшаванда бояд барои пурра қонеъ гардонидани талаботи иттилоотии истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ имконият фароҳам оварад. Дар ин раванд, корхонаҳои сайёҳӣ натиҷаҳои молиявии худро бояд дар асоси қонунгузории андоз, Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ намуда, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва таҳлили санадҳои меъёрии танзимкунанадаи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳияи низомномаи соҳавӣ оид ба арзишмуайянкунии маҳсулоти сайёҳӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳо мувофиқи мақсад дониста шудааст, ки барои таъмини баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти корхонаҳо ва рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд.

4. Дар диссертатсия бо назардошти хусусиятҳои соҳавии корхонаҳои сайёҳӣ муаммоҳои методологии ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ ошкор карда шудааст, ки аз муаммоҳои ташкилӣ ва хос иборатанд. Инчунин, барои ҳалли муаммоҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ як қатор тавсияҳои амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст, ки онҳо барои муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, таснифоти хароҷоти истеҳсолӣ имконият медиҳанд ва дар асоси арзёбии хусусиятҳои соҳавӣ аз рӯйи аломатҳои ҷудогона гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

5. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои ташкилӣ-методии сиёсати баҳисобгирӣ тасдиқ карда шудааст, ки дар замони муосир сиёсати баҳисобгирӣ яке аз унсурҳои калидии сиёсати идоракунии корхона маҳсуб меёбад. БО назардошти ин корхона бояд мустақилона, вобаста аз самти фаъолият ва ҳадафҳои дар пешаш гузошташуда, сиёсати баҳисобгирии худро таҳия ва амалӣ намояд. Бо назардошти талаботҳои СБҲМ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунанади баҳисобгирии муҳосибӣ, раванди фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, сиёсати баҳисобгирии мувофиқи баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва экологӣ коркард карда шудааст. Инчунин, дар диссертатсия моделҳои мувофиқи сиёсати баҳисобгирӣ, ки сатҳи ташкилии сохтори хадамоти муҳосибот ва сарчашмаи иттилоотиро пешбинӣ гардидааст, ки барои оқилона ба роҳ мондан ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат менамояд.

6. Дар асоси маълумотҳои реалӣ таҳлили вазъи муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибии даромадҳо, хароҷот ва назорат, вобаста хусусиятҳои хос ва самти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, аз чумла фаъолияти тиҷоратӣ ва миёнаравии ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ, ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ машгуланд ва гуногунии баҳисобгирии муҳосибии онҳо таҳлил карда шуда, камбудиҳои ҷойошта муайян ва роҳҳои такмили низоми мавчудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ пешниҳод карда шудааст. Инчунин,

ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирӣ, фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, вобаста ба ҳуқуқи амалӣ намудани фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, тартиби баҳисобгирии даромад ва хароҷот ва муайян кардани натиҷаҳои молиявии корхонаҳои сайёҳӣ, вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва миёнаравӣ пешниҳод карда шудааст.

7. Дар диссертатсия муайян карда шудааст, ки низоми назорати дохилй – маҷмуи чорабиниҳои аз ҷониби роҳбарияти корхона бароҳмондашудаи методӣ ва воситаҳо барои бонизом омода намудани ҳуҷҷатҳои аввалия, пешбурди самараноки фаъолияти молиявӣ, таъмини амнияти дороиҳо, ошкорсозӣ, ислоҳ ва бартараф кардани хатоҳо ва таҳрифоти маълумот, инчунин сари вақт тайёр намудани ҳисоботи саҳеҳи молиявӣ мебошад. Муайян карда шудааст, ки объектҳои назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бо низоми баҳисобгирии муҳосибии онҳо алоқаи зич доранд, мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ модели ташкили низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ таҳия ва пешниҳод шудааст. Инчунин, методикаи амалкунандаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ таҳлил карда шуда, вазифаҳо, марҳилаҳои асосӣ, давраҳои назоратӣ, назорати дохилии даромадҳо, хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ коркард шудааст.

8. Дар диссертатсия дар асоси таҳқиқи таҷрибаи амалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ, муайян карда шудааст, ки маҳсулоти сайёҳӣ ҳамчун объекти асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, таснифоти даромадҳо ва хароҷот аз рӯйи намуди фаъолияти мушаххаси корхонаҳои сайёҳӣ, ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ бо усули меъёрй ва фармоишӣ асоснок карда шуда, барои муайян намудани майлкуниҳо, тағйирёбиҳо ва ояндабинии фаъолияти корхонаи сайёҳӣ муҳим дониста шудааст. Самтҳои такмили низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, арзёбии даромадҳо ва хароҷот, тибқи талаботҳои СБҲМ, ҳисобҳои иловагӣ дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда, усули тайёркунии ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ, вобаста ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва мутобиқнамоии фаъолияти онҳо ба шароити СБҲМ дар сохаи сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст.

9. Ба ақидаи муаллиф дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, ҳавасманд низоми идоракунии корхонаҳои сайёҳӣ ба ҷорӣ намудану истифодабарии низоми самараноки назорати дохилӣ вобаста мебошад ва номукаммал будани назорати дохилӣ, яке аз омилҳои калидӣ мебошад ва ба муфлисшавии корхонаҳои сайёҳӣ оварда мерасонад ва хусусиятҳои объектҳои назорати дохилӣ барои зарурати корхонаҳои сайёҳӣ, таҳқиқотҳои муосири

назариявии олимон онро пурра инъикос карда наметавонад. Бо назардошти ин истифодаи имконияти таъминоти ташкили самаранокӣ ва амалишавии низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳиро бештар мушкил менамояд. Аз ин рӯ вобаста ба хусусиятҳои хоси корхонаҳои сайёҳӣ, такмили низоми назорат мутобики сохтори ташкилии субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ба роҳ монда шудад, дар марказҳои масъулият бошад низоми бисёрсатҳаи назоратӣ ташкил ва ҷавобгарии фардии роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ва кормандон зарур аст.

10. Дар диссертатсия вобаста ба арзёбии хусусиятҳои соҳавӣ ва гуногунҷабҳагии самти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ модели баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо коркард шуда, методикаи алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои пурра дар бар гирифтани хароҷот ва даромадҳо пешниҳод карда шудааст, ки барои муайян намудани фоидаи амалиётӣ имконият фарҳам меоварад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Саҳми шахсии унвонҷӯ, дар омӯзиш, ҷамъоварӣ, ҷамъбасти маълумот, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ, илмию амалӣ оид ба такмил додани раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бо назардошти талаботҳои СБҲМ ва хусусиятҳои иктисодиёти Ҷумхурии Тоҷикистон алоқаманд ифода меёбад.

Дар ин замина, дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ самтҳои асосии такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ муайян, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар сайёҳӣ, сиёсати баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ, модели назорати дохилӣ, методикаи баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот дар нақшаи ҳисобҳо таҳиява коркард гардидаанд.

Инчунин, иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда дар корхонаҳои сайёҳии ватанӣ, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалӣ ба назар мерасанд, ки саҳми илмии ӯро ифода менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз сарсухан, чор боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Мухтавои асосии таҳқиқот дар 367 саҳифаи кмопютерӣ оварда шуда, дар он 26 ҷадвал ва 32 расм ифода ёфта, рӯйхати адабиёт 334 сарчашмаро фарогир мебошад.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқот

муйян шудаанд, инчунин муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд (**саҳ. 4-18**).

Дар боби якуми диссертатсия **«Ҷанбаҳои назариявии рушди баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ»** (саҳ.19-85) унвонҷӯ масъалаҳои назариявии диссертатсияро баррасӣ намуда, ҷанбаҳои назариявии фаъолияти сайёҳӣ, ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳиро баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, қайд шудааст, ки сайёҳӣ яке аз соҳаҳои зудрушдкунандаи маҳсуб ёфта, он ба соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, маданият, фарҳанг ва экологии тамоми қитъаҳои ҷаҳон таъсир мерасонад ва яке аз сарчашмаҳои муҳимми даромади буҷети кишварҳои мутараққӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд унвонҷӯ қайд менамояд, барои давлатҳои рушдкунанда, ки худро ба сифати мамлакати сайёҳӣ муаррифӣ менамоянд, баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт, пеш аз ҳама аз ҳисоби сайёҳон воридшавии асъори хориҷӣ ба буҷет, ташкили ҷойҳои нави корӣ, тақвияти соҳибкорӣ яке аз самтҳои рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад (саҳ. 29).

Дар диссертатсия таваҷҷуҳи хоси давлат ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шуда, пас аз баррасии субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ, таснифоти корхонаҳои сайёҳӣ унвонҷӯ таъкид менамояд, ки барои рушди соҳаи сайёҳӣ дуруст ба расмият даровардани муносибатҳои байниҳамдигарии корхонаҳои сайёҳӣ, ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоббаробаркунии байни корхонаҳои сайёҳӣ, низоми танзими фаъолияти субъектҳои соҳаи сайёҳӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мувофиқи муқаррароти СБҲМ, ҷалби сармояи дохилӣ ва берунӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ ба мақсад мувофиқ мебошад (саҳ. 40).

Ҳамчунин дар доираи ин боб, унвонҷӯ заминаҳои танзими меъёрӣ-ҳуқуқии ташкили баҳисобгирӣ ва назорати корхонаҳои сайёҳиро таҳқиқ намуда, нақши давлатро барои танзими соҳа махсус қайд менамояд, зеро бо қабули стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатии рушди сайёҳӣ, додани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ барои рушли инфрасохтори сайёҳӣ имконият фароҳам оварда шудааст, ки шумораи корхонаҳои сайёҳӣ  бештар гардида, сайёҳон ба мамлакат бештар ҷалб карда шаванд, ки гузаштан ба Стандартҳои байналмилалии хизматрасонӣ, инчунин татбиқи СБҲМ дар пешбурди фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилиро тақозо мекунад (саҳ. 59). Ҳамзамон, ба субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ, ки бевосита ба ташаккул ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ машгуланд, диққати хоса дода шудааст ва танзими низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати онҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи соҳавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки ба рушди минбаъдаи фаъолияти онҳо мусоидат менамоянд.

Қайд карда шудааст, ки барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳои сайҳӣ, предмети асосии он – маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ бояд дуруст ба ҳисоб гирифта шавад, ки он ба таъмини натиҷаи мусбии молиявӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, баҳисобгирии ҷузъиёти ташаккули намудҳои хизматрасонӣ, ки маҷмӯи бастаи маҳсулоти сайёҳиро ташкил медиҳанд, яке аз масъалаҳои муҳим дар арзишмуайянкунӣ, баҳисобгирии хароҷот, даромад ва муайян намудани натиҷаи молиявии субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, унвонҷӯ дар диссертатсия ба корхонаҳое, ки фаъолияташон бевосита ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ алоқаманданд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст. Хусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, барасмиятдарории ҳуҷҷатии хизматрасониҳои сайёҳӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, хизматрасониҳо ва маҳсулоти сайёҳӣ – ҳамчун рӯйдоди аввали хусусиятҳои соҳавии баҳисобгирӣ ва назорат дар сайёҳӣ дар ҷадвали 1.3.1 тавсиф карда шуда, унвонҷӯ хулоса намудааст, ки чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки корхонаҳои сайёҳӣ дар умум низоми фаъолияти байнисоҳавии субъектҳои иҷтимоӣ-иқтисодие мебошанд, ки бо маҷмуи амалиётҳои хоҷагидорӣ барои ташкил, таъмин, ташаккул ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳой – маҳсулоти сайёҳӣ ба ҳам алоқаманданд (саҳ. 77).

Дар охир, аз таҳқиқи назариявии ташкили пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бо дарназардошти хусусиятҳои ин корхонаҳо бояд мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии амалкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, муаллиф ба хулоса омадааст, ки тартиби пешбурди баҳисобгирии ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ бояд такмил дода шаванд (саҳ.85).

Боби дуюми диссертатсия, ки **«Масъалаҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» (саҳ.86-150)** номгузорӣ гардидааст, унвонҷӯ муаммоҳои методологии баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки номукаммал будани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ба ташаккули иттилооти эътимоднок барои идоракунӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар умум халал эҷод менамояд. Вобаста ба ин, муаллиф ин муаммоҳоро дар ҷадвали 2.1.1 мураттаб сохта, пешниҳоди дуруст менамояд, таҳияи низомнома ё дастурамали методӣ оид ба тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ зарур аст (саҳ. 91).

Ҳамчунин, муаллиф муносибатҳои шартномавии байниҳамдигарии ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳиро мавриди омӯзиш қарор дода, дар расми 2.1.3 равишҳои пайдарпайии ҷараёнҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои фаъолияти сайёҳиро пешниҳод намудааст, ки истифодабарии ин маросимҳо барои дуруст ба ҳисоб гирифтани намудҳои гуногуни хизматрасониҳои сайёҳӣ муфид мебошанд (саҳ. 100). Пешниҳоди муҳимми

дигаре, ки дар диссертатсия оварда шудааст, барои мутобиқ намудани хизматрасониҳои корхонаҳои сайёҳӣ ташкил намудани курсҳои бозомӯзии кормандони корхонаҳои сайёҳӣ ва ташкил намудани Ассотсиатсияи ягонаи сайёҳӣ, ки барои сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷавобгар бошад, ба мақсад мувофиқ аст (саҳ. 107).

Муаллиф хароҷотро вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ таҳлили баррасӣ намуда, дар ҷадвали 2.2.1 хароҷотро аз рӯйи аломатҳои гуногун таснифот ва гурӯҳбандӣ карда шудааст, ки дар асоси он таркиби хароҷоти маҳсулоти сайёҳии ба хароидорон пешниҳодшавандаро пешниҳод намудааст (саҳ. 119-121) ва ба хулоса омадааст, ки дар ҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ, бояд таркиби ҳар як намуди хароҷот ва тартиби ҳамроҳ кардани онҳо ба арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ аниқу возеҳ муайян карда шавад (саҳ. 123). Инчунин дар расми 2.2.1 таснифоти хароҷотаз рӯйи намуди фаъолияти ширкати сайёҳиро пешниҳод намудааст, ки барои назорати хароҷот оид ба идоракунӣ мусоидат менамояд (саҳ. 125).

Дар асоси таҳқиқи унсурҳои маъмулии хароҷот барои ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ дар ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки вобаста аз сохтори ташаккулёбиашон аз якдигар фарқ мекунанд ва пешниҳод намудааст, ки дар таркиби арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, ки бастаи маҳсулоти сайёҳӣ мебошад, инчунин хароҷоти роҳбаладон аз рӯйи самти саёҳат, роҳбалад-тарҷумон низ дохил карда шаванд (саҳ. 129).

Инчунин унвонҷӯ, сиёсати баҳисобгириро ҳамчун асос барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ таъкид намуда, тафсироти онро дар қонунгузории ҷорӣ, СБҲМ ва ақидаҳои олимонро оид ба мавқеи сиёсати баҳисобгирӣ дар ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ муҳим арзёбӣ намудааст. Ба ақидаи муаллиф, сиёсати баҳисобгирии корхона бояд талабот ва манфиатҳои истифодабарандагони дохилӣ ва берунаи иттилооти ҳисоботи молиявиро дар бар гирифта, барои расидан ба мақсади асосии ҳар як корхона, яъне гирифтани фоидаи амалиётӣ мусоидат намояд (саҳ. 136). Вобаста ба ин, муаллиф дар расми 2.3.2 дар асоси принсипҳои ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ сиёсати баҳисобгирии корхонаи сайёҳӣ – ширкати сайёҳиро бо мақсади баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозӣ пешниҳод намудааст (саҳ. 146-147), ки ба хусусиятҳои фаъолияти корхонаи сайёҳӣ мувофиқ аст. Ҳамчунин, барои баҳисобгирии амалиётҳо вобаста ба ташаккул ва фурӯши маҳсулот дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ҳисобҳои иловагӣ пешниҳод карда шудааст, ки ба мақсад мувофиқ мебошад.

Унвонҷӯ дар баррасии боби сеюми диссертатсия «**Баҳодиҳии ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ**» **(саҳ.151-238)** таъкид менамояд, ки ҳолати муосири низоми

баҳосибгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ тақозо менамояд, ки дар амалияи муосири идоракунии корхонаҳо талаботҳои СБҲМ пурра риоя карда шавад, зеро, вобаста ба баромадани ширкатҳои ватании сайёҳӣ ба бозори умумиҷаҳонии сайёҳӣ низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба он мутобиқ карда шаванд. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки бо иттилооти зарурӣ таъмин намудани роҳбарият ва зерсохторҳои таркибии он ва корхона дар умум, ҷиҳати амалӣ намудани назорат, банақшагирӣ ва қабули қарорҳои фаврии идоракунӣ, вазифаи калидии баҳисобгирии муҳосибӣ ба шумор меравад (саҳ. 155).

Ҳамзамон, унвонҷӯ дар доираи боби мазкур чорабиниҳои ба танзим даровардани методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандиро дар доираи қонунгузории амалкунанда, низоми иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи талаботҳо ва принсипҳои СБҲМ, бознигарӣ намудани барномаъои таълимӣ оид ба тайёр кардани кадрҳо, бозомӯзии кадрҳои дар амалия фаъолияткунанда, додани сертификатҳои байналмилалӣ, ҳавасмандкунии моддӣ ва маънавии онҳоро пешниҳод намудааст, ки қобили қабул аст (саҳ. 156). Инчунин, муаллиф хусусиятҳои фарққунандаи фаъолият ва пешбурди баҳисобгирии ширкат ва агентиҳои сайёҳиро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷорӣ намудани баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун низоми ҳамоҳангсози бамеъёрдарорӣ, банақшагирӣ, буҷетикунонӣ, баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо ва хароҷот меҳисобад (саҳ. 162).

Мавқеи низоми назорати дохилӣ дар идоракунии самараноки корхонаҳоро таҳлил намуда, муаллиф онро ҳамчун кафили рушди минбаъдаи корхонаҳои сайёҳӣ арзёбӣ менамояд. Кофӣ набудани таҳқиқотҳои олимони ватанӣ оид ба ин масъала ва мавҷуд набудани санадҳои меъёрии танзимкунанда таъкид карда шудааст, ки роҳҳои ҳалли онро дар диссертатсия муаллиф ба миён гузоштааст (саҳ. 169).

Оид ба ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ дар корхонаи сайёҳӣ унвонҷӯ ба маҳсулоти сайёҳӣ ҳамчун объекти асосии корхонаҳои сайёҳӣ диққати махсус дода, баҳисобгирии хароҷоти ташкили сайёҳӣ ва арзишмуайянкуниро масъалаи калидӣ меҳисобад ва барои муайян намудани арзиши аслии истеҳсолии ҳар як воҳиди маҳсулоти сайёҳӣ, мутобиқи қоидаҳои маъмулӣ моддаҳои хароҷот ва усуҳои арзишмуайянкуниро пешниҳод менамояд (саҳ. 175). Ҳамчунин, амалиётҳои асосии ташаккул ва фурӯши маҳсулоти сайёҳиро бо алоқамандии ҳисобҳои иловагӣ дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда пешниҳод менамояд (саҳ. 176-177), ки барои назорати ин амалиётҳо муҳим мебошанд.

Пешниҳоди дигари муаллифӣ ин амалӣ намудани сиёсати экологӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ мебошад, ки дар асмти идоракунии муҳити зист хеле зарур

шуморида мешавад. Вобаста ба таҳқиқоти гузарондашуда, объектҳои фаъолияти экологии корхонаҳои сайёҳӣ, ки дар ҳисобгирии экологӣ инъикос карда шаванд муайян карда шудааст (саҳ. 184). Инчунин, муаллиф барои муайян намудани натиҷаҳои молиявии ширкати сайёҳӣ ду усулро пешниҳод намудааст, ки барои дақиқ муайян намудани натиҷаи молиявӣ мусоидат менамояд (саҳ.189-191).

Вобаста ба мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ дар сайёҳӣ, барои мутобиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои ватанӣ ба талаботҳои СБҲМ ва беҳтар намудани раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, аз тарафи муаллиф як қатор пешниҳодҳо карда шудааст, ки мавриди таваҷҷуҳ мебошанд (саҳ. 197). Дар натиҷаи омӯзиши ҳолати воқеии низоми баҳисобгирии муҳосибии ширкатҳои ватанӣ, истифодабарии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментариро пешниҳод карда мешавад, ки ба ақидаи муаллиф имкон медиҳад, ки корхонаҳои сайёҳӣ ба бозорҳои нави истеъмоли хизмарасониҳои сайёҳӣ роҳ ёфта, маҳсулоти сайёҳии худро пешбарӣ намоянд (саҳ. 199).

Модели ташкили низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, ки аз тарафи муаллиф пешниҳод карда шудааст, имконият медиҳад, ки иттилооти лозимӣ ва тартиби гузарондани назорат барои қабули қарорҳои дахлдори идоракунӣ муайян карда шаванд (саҳ. 226). Инчунин, ташкил кардани низоми назорат дар марказҳои масъулият, ки ба сатҳҳои муайян ҷудо карда шудааст, ба самаранокии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ мусоидат менамояд (саҳ. 229).

Дар боби чоруми диссертатсия “**Рушди методикаи баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ” (саҳ.239-302)** роҳҳои мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст. Аз ҷумла, идоракунии даромадҳо ва хароҷот, таъминоти иттилоотӣ оид ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, риояи принсипҳои СБҲМ оид ба принсипи мутобиқати даромаду хароҷот, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавӣ таҳлилу баррасӣ гардида, муаллиф таъкид менамояд, ки мавҷуд набудани дастурамалҳои методии соҳавӣ, боиси гузарондани таҳқиқотҳои махсус ва ҷустуҷӯи усулҳои самараноки таъмин намудани талаботи истифодабарандагони гуногуни ҳисобот мегардад ва пешниҳод менамояд, ки барои фаъолияти самаранок, инчунин гирифтани иттилооти эътимоднок оид ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои сайёҳӣ, таҳияи низомнома ё дастури алоҳида барои арзишмуайянкунии маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои гуногуни сайёҳӣ, инчунин назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ зарур мебошад (саҳ. 245).

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки вобаста ба гуногунсамтии фаъолияти ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ, инчунин ширкатҳое, ки ба фаъолияти сайёҳии байналмилалӣ машғуланд, эътирофи даромад ва хароҷот низ гуногун

бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Бинобар ин, муаллиф дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ҳисобҳои иловагиро пешниҳод намудааст (саҳ. 252-253) ва бо алоқамандии ҳисобҳо онҳоро асоснок намудааст (саҳ. 256-257).

Низоми назорати дохилиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, методикаи назорати дохилии намудҳои хароҷот, фурӯши маҳсулоти, сайёҳӣ даромад аз фурӯш, натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро инъикос намуда, дар расми 4.2.7 методикаи умумии гузаронидани назорати дохилии натиҷаи фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро пешниҳод кардааст, ки қобили қабул аст (саҳ. 276).

Дар диссертатсия мавқеи моделсозӣ барои ба низом даровардани ҷараёнҳои ташкил ва пешбурди фаъолият, дар баҳисобгирии муҳосибӣ барои коркард ва таҳияи методологияи ташкил, пешбурд, ба тартиби муайян даровардани гирифтан ва коркарди маълумот оид ба объектҳои баҳисобгирӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ҷадвали 4.3.2, дар асоси моделҳои таснифотии соҳавӣ, модели таснифотии ташкили баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо вобаста ба объекти корхонаи сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст, ки истифодабарии амалии он барои корхонаҳои сайёҳӣ шароит фароҳам меорад, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси худ шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалия, сиёсати баҳисобгирии мутобиқ, реҷаи гирдгардиши ҳуҷҷатҳо, нақшаи кории ҳисобҳо, шаклҳои сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи дохилии корхонаро коркард намоянд (саҳ. 293-295).

Дар охир, муаллиф таҳқиқоти гузарондашударо натиҷагирӣ намуда, дар расми 4.3.2 модели намунавии баҳисобгирии хароҷот, арзишмуайянкунӣ, даромадҳои корхонаи сайёҳиро пешниҳод намудааст, ки аз се қисмат иборат буда, ҳама самтҳои фаъолияти корхонаи сайёҳиро фаро мегирад ва барои истифодабарӣ дар фаъолияти корхонаҳои амалкунандаи сайёҳӣ ба мақсад мувофиқ аст (саҳ. 296). Инчунин, дар ҷадвали 4.3.3 мундариҷаи унсурҳои модели баҳисобгирии хароҷот ва даромади корхонаи сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст, ки хусусият ва тартиби татбиқи моделро инъикос менамояд (саҳ. 299).

Истифодабарии модели алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, ки дар расми 4.3.3 муаллиф пешниҳод намудааст, имконият медиҳад, ки баҳисобгирии хароҷот, муайян намудани арзиши аслӣ, даромадҳо ва натиҷаи молиявии корхонаҳои сайёҳӣ дуруст ба роҳ монда шавад, инчунин барои фаъолияти пурсамари корхонаҳои сайёҳӣ, ки ба хизматрасонии гуногунҷабҳа машғуланд, мусоидат менамояд (саҳ. 301).

Дар хулоса ва пешниҳодҳо **(саҳ.303-315)** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи

таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад.

Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

**Асоснокии ва эътимоднокиии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Дар умум диссертатсия аз рӯйи сохтор, мазмун ва муаррифии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсия масъалаҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ тибқи талаботҳои СБҲМ ба таври мантиқӣ таҳқиқ карда шудааст. Муаллиф таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳиро бо натиҷаҳои амалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳии ватанӣ таҳлил намуда, дар асоси он оид ба мукаммал гардондани методологияи он хулоса, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас намудааст.

Истифодабарии пешниҳодҳо, тавсияҳо ва татбиқи амалии онҳо асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии ба даст овардашудаи  диссертатсия мебошад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои гирифташудаи диссертатсияро баҳо дода, бояд қайд намуд, ки дар равиши таҳқиқот миқдори зиёди таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳисоботҳои баъзе корхонаҳои сайёҳӣ истифода бурда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти илмии таҳқиқот.** Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар асосноккунии назариявӣ ва методии такмили механизми низоми ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ зоҳир мешавад. Пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшударо ба сифати воситаи мукаммал намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ, бо мақсади боз ҳам такмил додани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ, низомномаи назорати дохил, арзишмуайянкунии корхонаҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои ошкор намудан ва рафъи

мушкилиҳои такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат тибқи талаботҳои СБҲМ дар шароити муосир коркард шуда, муқаррароти таҳиягардида имкон медиҳад, ки самаранокии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт баланд бардошта шавад. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар корхонаҳои сайёҳии ватанӣ ба кор бурда шаванд.

Аз таҳлили диссертатсия бар мерояд,ки баъзе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти ба анҷом расонидашуда барои истифодабарӣ дар фаъолияти амалии ширкатҳои сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат» (санади №40 аз 16.10.2023), ҶДММ «Расул тур» (маълумотномаи №7/3 аз 21.10.2023), ҶДММ «Ориент Адвентур» (санади №53 аз 14.10.2023), қабул карда шудаанд.

Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат, магистратура ва докторантура дао Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (маълумотномаи № 01/665 аз 20.10.2023) ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маълумотномаи № 01/665 аз 20.10.2023) истифода мешаванд.

**Аҳамияти иқтисодӣ таҳқиқот аз он иборат мебошад**, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ба рушди таъминоти ташкилӣ - методии воситаҳои баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ таъсири мусбӣ расонда, ташкили дурусти баҳисобгирии даромадҳо, хароҷот, натиҷаҳои молиявӣ ва самаранокии қабули қарорҳои идоракуниро аз тарафи роҳбарияти корхонаҳои мазкур таъмин намоянд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст**, ки ташкили дурусти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ барои зиёд шудани шумораи корхонаҳои сайёҳӣ, ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ, бештар гардидани номгӯйи хизматрасониҳои сайёҳӣ имконият медиҳад, ки дар корхонаҳои сайёҳӣ дар шароити рақобат бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавии корхонаҳои мазкур ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо, паст гардидани арзиши аслии онҳо ва ҷалби бештари сайёҳон таъсири мусбат расонад. Инчунин, натиҷаҳо барои ҳаллу фасли масъалаи шуғли пурмаҳсул дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он, паст шудани сатҳи камбизоатӣ имконият фароҳам оваранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқот 63 кори илмӣ бо ҳаҷми умумии 39,75 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 36,5 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 2 монография, 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Раҳимов С.Х. мутахассиси варзида дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмӣ дар ин самт мебошад ва кори диссертатсионӣ ба самти тахассусии унвонҷӯ мутобиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори иҷрошуда ба талаботҳои муқарраршудаи паспорти тахассусии 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯйи дараҷаи илмй ба талаботҳои чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси тадқиқотчӣ донишомӯзӣ, фидокорӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда бояд таъкид карда шавад.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

1. Дар зербоби 1.1 муаллиф асосҳои назариявии фаъолияти сайёҳиро мавриди омӯзиш қарор дода, хусусиятҳои хоси фаъолияти сайёҳиро муайян намудааст. Агар дар бораи намудҳои сайёҳии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятнок маълумоти бештар медод, фикр мекунам сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид.
2. Дар зербоби 1.3 хусусиятҳои ташкилию технологии корхонаҳои сайёҳӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорат таҳқиқ карда шудааст. Вале баъзе хусусиятҳои ташкилию технологии онҳо пурра арзёбӣ карда нашудааст.
3. Зербоби 2.3. ба ташаккули сиёсати баҳисобгирй дар корхонаҳои сайёҳӣ бахшида шудааст ва ақидаҳои олимони хориҷӣ, тавзеҳоти қонунгузорӣ ва СБҲМ оид ба сиёсати баҳисобгирӣ оварда шудааст, аммо арзёбии ақидаҳои олимони ватанӣ дида намешавад.
4. Дар зербоби 3.1. вазъи муосири ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳй таҳлил карда шудааст. Мутаассифона сабабҳои дар корхонаҳои сайёҳй ва хизматрасонй пурра ҷорӣ нашудани талаботҳои СБҲМ пурра кушода нашудааст.
5. Зербоби 4.3 диссертатсия ба коркарди модели баҳисобгирии хароҷот ва даромад дар корхонаҳои сайёҳӣ дар сатҳи зарурӣ бахшида шудааст. Мутаассифона амали намудани ин модел дар асоси истифодаи усули ҳалли амсилаи оптимизатсионй дар корхонаҳои сайёҳй сурат нагирифтааст.
6. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳои грамматикӣ ва орфогафӣ ҷой доранд, инчунин, баъзе аз мавҳумҳо ба тариқи пурра кушода нашудаанд.

## Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Диссертатсияи **Раҳимов Саидалӣ Холович** ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ - назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодй, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгу мебошад.

Рисолаи илмии довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст мутобиқат менамояд.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаи илмии ба нашр расондаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмӯъ қонеъ карда мешавад.

## Хулоса

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08. – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибй гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 367 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Раҳимов Саидалӣ Холович барои додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сазовор мебошад.

Дар ҷаласа 26 - нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 26 нафар, «зид» - нест, «бетараф»-нест.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит, молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протокол №6/1 аз 8 январи соли 2025).

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги**
**Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон, д.и.и., дотсент** **Мирзоалиев А.А.**

**Эксперт:**
**профессори кафедраи молияи**
**Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон,**
**д.и.и., профессор** **Раҷабов Р.К.**

**Котиби ҷаласа, муаллими калон** **Каримзода М.И**

**Имзои Мирзоалиев А.А. , Раҷабов Р.К. ва Каримзода М.И.-ро тасдиқ менамоям:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи**
**давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Пирзода С.С.**

(734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½.
http://www.tguk.tj. E-mail: tguk@mail.ru, тел: +992 (37) 234-85-46)